ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 тел: (+992-37)221-77-11
www.tnu.tj; почтаи электронӣ: info@kgu.tj

№____ аз «____»_______________ соли 2018

“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, академик Имомзода М.С

“ 4 ” сентябри соли 2019

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва усули омӯзишу парвариш (химия) пешниҳод гардидааст.**

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи рушди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи башардӯстонаи он ба шумор меравад, ки вазифаи асосии таълими химияро дар раванди таълим, дигаргуниҳо дар ҷамъият, илм, техника ва истеҳсолот таъмин менамояд. Асосҳои иҷтимоӣ, талаботҳои таълимӣ ба донишҳои хонандагон, аз ҷумла ба химия, инъикоси худро дар консепсияи таълими химия ёфтаанд.

Имрӯз дар асоси маориф масъалаи эҳёи таълими нави босифат ба миён омадааст, ки дар он мазмун бояд сифтаҳои ахлоқии инсон, шуур, фаъолияти зеҳнӣ ва қобилиятҳои ӯро ба эҷодкорӣ рушд ва такмил диҳад. Дар ин чорчӯбаи фанни таълимӣ дорои имкониятҳои зиёд мебошад, ки

онҳоро дар касби донишҳои муосир доир ба химия, рушди ҳофиза ва усули илмии маърифат мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Рушди зеҳн ва ҳофизаи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии тақвияти фаъолияти таълимию ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти хонандагон мебошад.

Маориф дар низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, эҳё намудани таълимоти сифатан нав, ки муҳтавои он сифатҳои ахлоқии инсон, тафаккур, фаъолияти зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии ӯро бояд рушд ва такмил диҳад, зарур мебошад.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии илм ва маориф муносибатҳои сифатан нав ба миён омаданд. Айни замон вазифаи таълим аз омӯзонидани ҳаҷми муайяни дониш, қобилияту малака, дониши амиқи низоми илмҳо, мустақилона ҷӯстани дониш, усулҳои дарёфти ҳақиқат аз ҷониби хонандагон, ташаккул ва рушд додан ба фаъолияти эҷодии онҳо иборат мебошад.

Химия ҳамчун фанни таълимӣ имкониятҳои зиёде дорад, ки онҳоро барои азхуд намудани донишҳои муосири химиявӣ, рушди хотира ва тарзи илмии маърифат истифода намудан мумкин аст. Рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими химия яке аз вазифаҳои асосии рушди фаъолияти таълимӣ–маънавӣ ва шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Дар раванди тафаккури илмӣ равандҳои мнемоникӣ, тахаюлӣ ва тасаввурӣ рушд меёбанд, ки онҳо фаъолияти зеҳниро бой гардонида, ҳамчун боигарии ахлоқӣ ба бунёди ягон ақида ва предмети нав имконият фароҳам меоваранд.

Ҳамин тариқ, дар дарсҳои химия зарурати фаҳмидани категорияҳои фалсафӣ ба миён меояд, ки онҳо имкон медиҳанд имкониятҳои иерархӣ ва аксиологии ҷаҳонбинии хешро аз диди нав бубинанд ва ҳудуди истифодаи донишҳои гирифтаашонро дарк намоянд.

Омӯзгор дар раванди таълим бояд ба туфайли фанни таълимии худ зеҳни илмии хонандагонро рушд диҳад, то ин ки онҳо ба ҳалли вазифаҳои амалии дар ҳаёт дучоромада тайёр бошанд ва донишҳои гирифтаи хешро истифода карда тавонанд.

Мубрамияти таҳқиқоти номбурдашуда ба имкониятҳои дидактикии ба курси химия мувофиқ буда бо истифодаи ками ин имкониятҳоро дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ, коркарди нопурраи проблемаи мазкурро дар адабиёти педагогӣ, хусусан дар ҷумҳурии мо, зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи имкониятҳои таълимии химияро дар раванди бартараф сохтани тарҳи шуури хонандагон ва рушди шахсияти эҷодии онро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро мегирад.

**Мақсади таҳқиқот** ҷустуҷӯи роҳҳои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими курси химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

- раванди фаҳмиши ташаккули тафаккури илмӣ дар адабиёти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ муайян карда шудааст;

- истифодаи категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ дар омӯзишӣ химия ва нақши онҳо дар ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ тавсиф ва арзёбӣ гардид;

- технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ ҳангоми амалӣ намудани вазифаҳои дидактикии курси химия муайян карда шуд;

- ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди омӯзиши мафҳумҳои умумии химия тавассути категорияҳои таърихӣ ва мантиқӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифт;

- самтҳои истифодаикатегорияҳои фалсафӣ барои ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар раванди таълими химия муайян карда шуданд;

- истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолият доир ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия мавриди баррасӣ қарор гирифт;

- амали намудани таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба татбиқи технологияи ташаккули услуби тафаккури илмӣ амалӣ карда шудааст;

- таҳқиқи ташаккули тафаккури илмӣ дар раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ дар синфҳои озмоишию назоратӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он мавриди муқоиса ва арзёбӣ қарор гирифтанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** бо муайян намудани имкониятҳои дидактикии химия дар татбиқи технологияи ташаккули тафаккури илмӣ тибқи истифодаи категорияҳои фалсафӣ ва нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, зарурати ташаккули тафаккури илмӣ дар хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардонида шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**:

– технологияи ташаккули тафаккури илмӣ дар асоси истифодаи категорияҳои фалсафии курси химия санҷида ва пешниҳод карда шуд, ки онҳо имкон медиҳанд, вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ бомуваффақият ҳал карда шавад;

– маводи дидактикӣ дар шакли иттилоот ва варақаҳои методӣ, вазифаҳои хусусияти эҷодидошта коркард гардида, бо мақсади ташаккули тафаккури илмӣ дарсҳои ғайрианъанавӣ (дарс–суҳбат, дарсҳои амсиласозӣ, дарсҳои бозиҳои иттилоотӣ) гузаронида шуд, ки истифодаи онҳоро ба дигар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия додан мумкин аст.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро** давраи тӯлонии таҳқиқот, ки дар шароитҳои мушоҳида, назорат, низоми методологӣ, муносибати фардӣ–эҷодӣ, татбиқи технологияи комплексии таҳқиқот, муқоисаи маълумоти дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ бадастомада, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати роҳбарии гурӯҳи омӯзгорон ва иштироки бевоситаи ӯ дар кори таҷрибавӣ–озмоишӣ тасдиқ менамояд.

**Муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Технологияи ташкили раванди таълими умумии химия, ки ба ташаккули услуби тафаккури илмӣ равона шудааст ва ифодаи тағйироти нишондиҳандаҳои асосии раванди педагогӣ (бо унсурҳои таърихиву фалсафӣ ғанӣ гардидааст), фаъолияти омӯзгор ва хонандагон дар раванди таълим (дарсҳои ғайрианъанавӣ, ҷузъҳои методҳои таҳқиқотӣ) ва ғайраҳо.

2. Самарнокии ташаккули тафаккури илмӣ, ки дар натиҷаи ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон сурат гирифта, ҳамчун мақсад ва тарзҳои татбиқи имкониятҳои фанни химия маҳсуб мешавад.

3. Ҳалли масъалаҳои ташаккули тафаккури илмӣ тавассути ҷалби мавод оид ба таърихи химия ва категорияҳои фалсафӣ ба амал бароварда мешавад, ки низоми татбиқи имкониятҳои фанро ҳамчун раванди муттасил, мутташакил, муттаҳарик ва гуногуннусха фароҳам месозад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот** доир ба технология ва натиҷаҳои ҷустуҷӯи илмӣ ҷиҳати такмили ташаккули услуби тафаккури илмӣ, дар амалӣ намудани имкониятҳои методии фанни химия, истифодаи категорияҳои фалсафӣ барои ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ, дар раванди таълими химия, истифодаи имкониятҳои тафаккури эҷодӣ, фаъолияти ташаккули услуби тафаккури илмӣ дар химия, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриявӣ, дар раванди таълими фанни химия мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Арзиши** натиҷаҳои диссертатсияи Расулзода С.П. аз он иборат аст, ки онҳо ба такмили дар мазмуни нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ташаккул додани услуби тафаккури илмӣ, баланд бардоштани дараҷаи азхудкунии дониш, ташаккули қобилият ва имкониятҳои эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриявӣ дар раванди таълими фанни химия нигаронида шудаанд.

Рисола бо забони хуби илмӣ хеле фаҳмо навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи мавзӯи интихобгардида аз оғоз то охири таҳқиқоташ ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала унвонҷӯй дар рисолаи хеш аз диаграммаҳо ва ҷадвали шарҳдиҳандаи онҳо истифода кардааст.

Дар рисола ҳангоми тақриз дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд.

1. Бисёр хуб мешуд, ки дар диссертатсия дар бораи маҳорати истифодаи услуби мантиқи зиёдтар маълумот дода мешуд.

2. Дар диссертатсия дар бораи шавқмандии эҷодии хонандагон сухан меравад, лекин роҳҳои бедор намудани онҳо кушода нашудааст.

3. Баъзе хатогиҳои китобатӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, ба арзиши асосии назариявию амалии рисола таъсире надоранд.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй, ки фарогири 19 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 интишороти муаллиф, аз ҷумла дар 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби КАД – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чоп кардани натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия тавсия шудаанд, инъикос ёфтаанд.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

Аз рӯи ҷамъбасти муҳокима хулосаи зерин қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Расулзода Субҳон Пирмад дар мавзӯи “Асосҳои методии ташаккули услуби тафаккури илмии хонандагон дар ҷараёни таълими химия (аз рӯйи маводи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КАД – и

назди Президенти Ҷумҳурии мувофиқат мекунад ва барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси номбурдашуда тавсия карда мешавад.

2. Корҳои нашршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса аз ҷониби ШИМ факултети химияи ДМТ н.и.х., дотсент Холиқова Л.Р. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими химия аз 29 августи соли 2019, протоколи №1 тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 8 нафар иштирок карданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

"тарафдор" – 8 нафар;

"зид" – нест;

"бетараф" – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ШИМ-и факултети факултети
Химияи ДМТ, н.и.х., дотсент — Холиқова Л.Р.

Мудири кафедраи методикаи
таълими химияи Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, номзади илмҳои
химия, дотсент — Қурбонова М.З.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734025. ҶТ, ш. Душанбе, кӯчаи хиёбони Рудакӣ 17
Тел.: +992(985154233);
Почтаи электронӣ: mukadas_qi75@mail.ru

Имзои Қурбонова М.З. – ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.